Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 44

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзӯи "Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт(дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 – Амнияти иқтисодӣ)**

1. **Мубрам будани мавзӯи тадқиқшаванда**

Таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Дар замони ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рақобати афзояндаи бозор, устувории иқтисоди миллӣ ба таври назаррас аз сатҳи амнияти соҳаҳои калидӣ, махсусан соҳаи саноат вобастагӣ дорад. Амнияти иқтисодии саноат маънои ҳимояи иқтидори истеҳсолӣ, таъмини мустақилияти технологӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва қобилияти муқовимат ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунаро дорад.

Дар шароити рушди инноватсионӣ масъалаи мазкур аҳаммияти бештар касб мекунад. Ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, рақамикунонии истеҳсолот, навсозии инфрасохтори саноатӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ аз омилҳои муҳимми амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Айни замон, инноватсия на танҳо василаи афзоиши самаранокии истеҳсолот, балки воситаи ҳифз ва устувории иқтисод низ ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, мавзӯи диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил "Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дорои аҳаммияти бузург аст. Муаллиф масъалаеро мавриди тадқиқ қарор додааст, ки ба таҳкими иқтидори истеҳсолӣ, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва гузариш ба модели инноватсионии рушд мусоидат менамояд.

Мубрамии мавзӯъ аз он бармеояд, ки рушди устувори иқтисоди миллӣ дар шароити муосир бе таъмини амнияти иқтисодии саноат имконнопазир аст. Маҳз ҳамин соҳа ба сифати пояи истеҳсолоти миллӣ

ва омили калидии ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ баромад мекунад. Дар ин самт, тадқиқи роҳҳои такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат, махсусан дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ, дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад.

Интихоби мавзӯъ бо ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла саноатикунонии босуръат комилан мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ, мавзӯи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, тадқиқи он барои таҳкими амнияти иқтисодии кишвар ва рушди устувори соҳаи саноат саривақтӣ ва зарур мебошад.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузоштташуда муаллиф Ғафурзода Сорбон Хушдил омӯзиши амиқи таҳаввулоти назарияи таъмини амнияти иқтисодӣ ва такмили механизми ташкиливу иқтисодии онро дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонидааст. Тадқиқоти анҷомдодашуда имкон фароҳам намудааст, ки натиҷаҳои муҳими илмӣ дар самти таҳкими устувории иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии соҳаи саноат ба даст оварда шаванд.

Ҳалли масъалаҳои тадқиқшуда имкон фароҳам овардааст, ки муаллиф пешниҳодҳои илмӣ ва амалии худро оид ба такмили механизмҳои иқтисодию ташкилӣ дар идоракунии амнияти иқтисодии соҳаи саноат асоснок намояд. Дар натиҷа, пешниҳодоти Ғафурзода С.Х. дорои хусусияти амалӣ буда, дар таҳияи сиёсати давлатии саноатикунонии босуръат ва рушди иқтисоди инноватсионӣ истифода шуда метавонанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида илман асоснок буда, пурра аз тадқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Дар робита ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ бояд қайд кард, ки асоси онҳоро маълумоти оморӣ ва таҳлили воқеӣ ташкил медиҳанд. Муаллиф маълумотро оид ба омилҳо ва воситаҳои таъсиррасонандаи амнияти иқтисодии соҳаи саноат ҷамъоварӣ, муқоиса ва баҳогузорӣ намудааст, ки онҳо бо ҳуҷҷатҳои расмӣ тасдиқ гардидаанд. Маҳз ҳамин таҳлили муфассал ба ӯ имкон додааст, ки хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илмию амалиро таҳия намояд.

Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф аз осори классикӣ ва бунёдии олимони иқтисодии ватаниву хориҷӣ дар соҳаи назарияи амнияти иқтисодӣ, рушди саноат ва сиёсати инноватсионӣ бо равиши эҷодкорона истифода намудааст. Дар

ҷараёни тадқиқот муаллиф аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, риёзӣ-иқтисодӣ, индуксия, дедуксия, таҳлил ва синтез, хулосабарорӣ, инчунин аз ифодаҳои ҷадвалӣ ва графикӣ самаранок истифода намудааст.

Заминаҳои назариявию методологии тадқиқотро осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар бахши таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди иқтисоди инноватсионӣ ташкил медиҳанд. Ба сифати манбаи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ, маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи  то соли 2030, инчунин маълумоти расмӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ истифода шудаанд.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо кори илмӣ маълум гардид, ки муаллиф бо малакаи баланд, маҳорати таҳлилӣ ва донишҳои амиқи назариявӣ корро анҷом додааст. Ӯ мустақилона маълумоти омориро мувофиқи ҳадафи тадқиқ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст. Диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил аз дигар корҳои илмӣ бо равиши муосири таҳлилӣ, асоснокии назариявӣ ва натиҷаҳои амалӣ фарқ мекунад, ки ин аз сатҳи баланди омодагии илмии ӯ шаҳодат медиҳад.

3. **Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Унсурҳои навоварии илмии диссертатсияи мазкур бо тарзи мантиқӣ ва пайдарпай роҳҳои амалисозии ҳадафҳои асосии тадқиқотро инъикос менамоянд. Дар доираи тадқиқоти мазкур, муаллиф ҷанбаҳои муҳим ва самтҳои навини илмиро муайян намудааст, ки дар шароити рушди иқтисоди инноватсионӣ барои таҳкими амнияти иқтисодии соҳаи саноат аҳаммияти назаррас доранд. Ба андешаи мо, муҳимтарин ҷанбаҳои навоварии илмии ин тадқиқотро метавон чунин зикр намуд:

– дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти назарияҳои илмии олимони иқтисодчии ватаниву хориҷӣ, муаллиф мафҳуми «таъмини амнияти иқтисодӣ дар корхонаҳои саноатӣ»-ро дақиқ ва илмӣ асоснок намудааст. Зери ин мафҳум ҳолати фаъолияти устувор ва муътадили корхона, қобилияти татбиқи қарорҳои инноватсионӣ, муттасилӣ ва самаранокии равандҳои истеҳсолӣ, таъмини пардохтпазирӣ ва ноил шудан ба сатҳи баланди рақобатпазирӣ дар шароити таъсири хатарҳои дохилӣ ва беруна фаҳмида мешавад.

– муаллиф омилҳои асосии таҳдидкунанда ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатиро муайян кардааст. Ба онҳо ноустувории низоми

иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои куҳнашуда, номукаммалии нақшаҳои стратегӣ ва ҳолатҳои фавқулода шомиланд. Ҳамзамон, алгоритми арзёбии сатҳи амнияти иқтисодӣ таҳия шудааст, ки дар он пайдарпай ҷамъоварии иттилоот, муайянсозии мушкилот ва таҳлили самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ҳамчун ҷузъи ягонаи низоми идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

–нишондиҳандаҳо ва таҳдидҳои асосии амнияти иқтисодии бахши саноат дар шароити ноустувории иҷтимоиву иқтисодӣ ба таври илмӣ ба низом даровардa шудаанд. Дар асоси ин таҳлил самтҳои афзалиятноки ислоҳоти институтсионалӣ ва инфрасохторӣ пешниҳод гардидаанд, ки зерсохторҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, логистикӣ, иттилоотӣ, маркетингӣ ва илмию технологиро фаро мегиранд. Ин пешниҳодҳо барои ташаккули модели ҳамкории байнисоҳавӣ, баланд бардоштани ҳавасмандгардонӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати коркард заминаи воқеӣ фароҳам меоранд.

– механизми ташкиливу иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркарди Тоҷикистон бо дарназардошти консепсияи ҳамкории институтсионалии мутобиқшаванда ва низоми баҳодиҳии пешгирикунандаи таҳдидҳо тарҳрезӣ шудааст. Ин механизм ба баланд бардоштани устувории технологӣ, ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули низоми устувори дастгирии давлатӣ ва соҳавӣ равона гардидааст, ки метавонад барои таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва таъмини амнияти иқтисодии кишвар аҳаммияти стратегӣ дошта бошад.

4. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Тасдиқ менамоем, ки диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзӯи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мутобиқи талаботи шиносномаи ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) таҳия гардидааст.

Мавзӯъ ва натиҷаҳои илмии бадастомада пурра ба ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 – Амнияти иқтисодӣ) мутобиқат намуда, ба самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлатӣ, яъне таъмини амнияти иқтисодии миллӣ, рушди инноватсионии соҳаи саноат ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ иртиботи зич дорад.

Навгонӣ ва натиҷаҳои илмии тадқиқот ба бандҳои шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат намуда, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошанд, ки барои таҳкими амнияти иқтисодии кишвар, такмили сиёсати идоракунии соҳаи саноат ва рушди иқтисоди инноватсионӣ самаранок истифода шуда метавонанд.

5. **Сохтор, мундариҷаи диссертатсия ва сатҳи асосноккунии дастовардҳои илмӣ**

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқи пайвастагии қисмҳои он гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, барои таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилоти такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисод ва асосҳои назариявию методологии он тадқиқоти ҷиддӣ анҷом додааст.

Диссертатсияи мавриди таҳлил дорои сохтори мутобиқ ва мантиқии пайдарпай буда, дар он ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии тадқиқот равшан муайян шудаанд. Он аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳоду тавсияҳо, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 189 саҳифаро дарбар гирифта, дорои 20 расм ва 33 ҷадвал мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш ва азхудкунии масъалаи илмӣ арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин, объекти тадқиқот, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, заминаҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ низ тавзеҳ дода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони «**Ҷанбаҳои назариявии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат**» (саҳ.14-61) муаллиф масъалаҳои муҳими назариявӣ ва методологиро мавриди тадқиқ қарор додааст. Дар ин боб равишҳои консептуалӣ ва илмию назариявии таъмини амнияти иқтисодии бахши саноат баррасӣ гардида, омилҳо ва таҳдидҳои асосии ба суботи иқтисодӣ таъсиррасон дар шароити ноустувории иҷтимоиву иқтисодии муосир таҳлил шудаанд. Муаллиф тавонистааст, бо такя ба адабиёти муътамади илмӣ, масъалаи мазкурро бо диди муназзам ва фарогир арзёбӣ намояд.

Бахши мазкур бо мазмуни пурмаҳсул ва сохтори мантиқии тадқиқ фарқ мекунад. Дар он муносибати муаллиф ба масъалаи амнияти иқтисодӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими фаъолияти самараноки корхонаҳои саноатӣ возеҳ инъикос ёфтааст. Бо таваҷҷуҳ ба он ки дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти устувори ҳар як корхона аз сатҳи амнияти иқтисодии он вобастагӣ дорад, муаллиф дуруст таъкид

менамояд, ки амнияти иқтисодӣ на танҳо омили рушди дохилии корхона, балки ҷузъи таркибии амнияти иқтисодии миллӣ мебошад (саҳ.18-24).

Ҷолиб ва арзишманд он аст, ки дар тадқиқоти мазкур муаллиф на танҳо ба тавсифи умумии таҳдидҳо ва омилҳои хатарнок иктифо намекунад, балки онҳоро аз дидгоҳи сохтори дохилии истеҳсолот, муносибатҳои бозорӣ ва муҳити беруна таҳлил менамояд. Аз ин рӯ, тадқиқ дорои хусусияти мукаммалу амалгароёна мебошад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки корхонаҳои ватанӣ бештар ба таҳдидҳои дохилӣ ва беруна дучор мешаванд, ки дорои хусусияти ғайрирасмӣ буда, метавонад оқибатҳои манфии иқтисодӣ ба бор орад (саҳ.36-37).

Махсус таъкид менамоем, ки муаллиф дар таҳлили назариявии худ тавонистааст мафҳуми "амнияти иқтисодии корхона"-ро дар асоси тадқиқи манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии идоракунии истеҳсолот такмил дода, таърифи муфассали зеринро пешниҳод намояд: "Амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ" - ҳолати устувори фаъолияти он мебошад, ки қобилияти муқовимат ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда, таъмини беисти раванди истеҳсолот, суботи молиявӣ ва нигоҳдории рақобатпазириро дар дурнамои дарозмуддат таъмин месозад (саҳ.21-22).

Ин таъриф дорои арзиши илмию амалии баланд аст, зеро он ҳам заминаи назариявӣ ва ҳам самтгирии амалии амнияти иқтисодиро фаро мегирад. Бо пешниҳоди чунин таъриф, муаллиф дар воқеъ ба низомноккунии категорияи илмии "амнияти иқтисодӣ" саҳми назаррас гузоштааст.

Илова бар ин, муаллиф ба таври илмӣ нишон додааст, ки дар низоми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат ташаккули низоми ягонаи истеҳсолӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Таҳлили ӯ нишон медиҳад, ки танҳо бо роҳи ҳамоҳангсозии тамоми марҳилаҳои раванди истеҳсолот, истифодаи оқилонаи захираҳо ва ҳамгироии сохторҳои дохилӣ бо шарикони беруна устувории иқтисодиро дар сатҳи баланд нигоҳ доштан имконпазир аст (саҳ.43-54).

Дар ҷараёни тадқиқ, муаллиф қадамҳои мантиқии таҳлилро риоя намуда, асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таъмини амнияти иқтисодиро ба низом даровардааст. Дар натиҷа, мафҳуми амнияти иқтисодии корхона дар заминаи муосири иқтисоди бозорӣ тасниф ва такмил ёфтааст.

Ба андешаи мо, боби якум бо *дараҷаи баланди муҳтавои илмӣ*, сохтори возеҳ, тарзи муфассали таҳлил ва истифодаи дурусти мафҳумҳои

илмӣ фарқ мекунад. Муаллиф тавонистааст асосҳои назариявии масъалаи амнияти иқтисодиро ба таври илмӣ таҳлил ва таҳким бахшад.

Боби якум бо муҳтавои назариявии мукаммал, асосноккунии илмӣ, равиши мантиқӣ ва хулосаҳои возеҳ ҷавобгӯи талаботи тадқиқоти илмии сатҳи диссертатсионӣ мебошад. Маводи он барои тадқиқи минбаъдаи самтҳои амалӣ ва татбиқи механизмҳои таъмини амнияти иқтисодии саноат заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Таҳлил ва баҳодиҳии таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.61-117)** масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди устувори бахши саноат дар шароити иқтисоди бозорӣ мавриди омӯзиши муфассал қарор дода шудаанд. Муаллиф бо истифода аз маълумоти оморӣ, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ вазъи кунунии амнияти иқтисодии соҳаи саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудааст.

Дар тадқиқ нишон дода шудааст, ки саноатикунонии босуръати иқтисод, ки ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, дар баробари имкониятҳои нав, як қатор хатарҳо ва таҳдидҳои эҳтимолиро низ ба миён меорад. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди бозорӣ, таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат барои рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши калидӣ мебозад (саҳ. 63-65).

Дар қисмати аввал муаллиф нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи саноатро дар давраи солҳои охир таҳлил намуда, тамоюлҳои асосӣ, тағйироти сохторӣ ва динамикаи истеҳсолотро нишон медиҳад. Натиҷаҳои таҳлил шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, таҳдидҳои дохилӣ ва беруна то ҳол ба суботи иқтисодии саноат таъсири назаррас доранд (саҳ.67-74).

Муаллиф таҳдидҳои мавҷударо дар ду гурӯҳ, яъне дохилӣ ва берунӣ тасниф намуда, хусусият ва таъсири ҳар яке аз онҳоро бо далелҳои оморӣ ва таҳлили иқтисодӣ асоснок кардааст. Ба таҳдидҳои дохилӣ камсамарии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, камбудиҳои идоракунӣ, сатҳи пасти технологӣ, мушкилоти маблағгузорӣ ва ноустувории кадрҳои баландихтисос мансуб дониста шудаанд. Таҳдидҳои берунӣ бошанд, бештар ба таъсири омилҳои ҷаҳонӣ, вобастагии иқтисодӣ аз бозорҳои хориҷӣ, ноустувории нархҳои ҷаҳонӣ ба ашёи хом ва хатарҳои вобаста ба рақобати фаромиллӣ марбутанд (саҳ.86-89).

Муаллиф бо нигариши таҳлилӣ нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии осебпазирии амнияти иқтисодии саноат сатҳи нокифояи диверсификатсияи истеҳсолот ва паст будани арзиши иловашудаи маҳсулоти саноатӣ мебошад. Ин ҳолат боиси вобастагии шадид аз воридот ва осебпазирӣ нисбат ба тағйироти вазъи бозори ҷаҳонӣ мегардад.

Дар тадқиқоти мазкур диққати махсус ба омилҳои муайянкунандаи хавфҳои дохилӣ ва берунӣ дода шудааст. Муаллиф тавассути таҳлили маҷмуии омилҳои молиявӣ, ташкиливу идоракунӣ, технология ва бозор, хусусиятҳои таъсири онҳо ба суботи иқтисодии корхонаҳои саноати коркардро муайян намудааст. Ҳамзамон, бо такя ба моделҳои иқтисодӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ, равобити байни нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, сатҳи рақобатпазирӣ ва устувории иқтисодии корхонаҳо арзёбӣ гардидааст (саҳ.78-83).

Ҷолиб он аст, ки муаллиф масъалаи амнияти иқтисодии соҳаи саноатро дар пасманзари модели рушди ба инноватсия нигаронидашуда таҳлил мекунад. Дар доираи ин равиш, имкониятҳои истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ, ворид намудани технологияи нав, афзоиши маҳсулоти дорои арзиши баланди илмию техникӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки бе такя ба имкониятҳои инноватсионӣ ва таҷдиди технологӣ, таъмини сатҳи устувори амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат ғайриимкон аст (саҳ.98-103).

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда, муаллиф як қатор механизмҳо ва воситаҳои муассири таъмини амнияти иқтисодиро пешниҳод менамояд, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ, таҳкими устувории молиявӣ, ҷалби сармояи хусусӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин ташаккули муҳити мусоиди рақобат нигаронида шудаанд.

Дар ҷамъбаст, муаллиф ба хулосае меояд, ки таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди саноат баррасӣ гардад. Зеро танҳо тавассути таҳкими иқтидорҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани сатҳи технологӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва коҳиши вобастагии иқтисодӣ аз омилҳои хориҷӣ метавон устувории иқтисодиро таъмин намуд.

Боби дуюми диссертатсия аз лиҳози мазмун, мантиқ ва асоснокии илмӣ ба талаботи тадқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф тавонистааст вазъи воқеии амнияти иқтисодии соҳаи саноати Тоҷикистонро бо такя ба маълумоти оморӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва

хулосаҳои илмию амалӣ нишон диҳад. Равиши таҳлилии ӯ бо диди муназзам ва дарки амиқи масъала фарқ мекунад.

Дар боби сеюми тадқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони **«Самтҳои асосии мукаммалсозии механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.117-161)** масъалаҳои марбут ба таҳкими асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи амнияти иқтисодии соҳаи саноати кишвар дар шароити муосири рушди иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо такя ба натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва таҷрибаи амалии солҳои охир равишҳои самараноки сиёсати саноатиро бо мақсади таъмини устувории иқтисодӣ, афзоиши рақобатпазирӣ ва коҳиши хавфҳои дохиливу беруна пешниҳод намудааст.

Дар ин боб нишон дода шудааст, ки шароити нави рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷараёни саноатикунонии босуръати иқтисоди миллии Тоҷикистон ва татбиқи ҳадафи стратегии «Саноатикунонии босуръати кишвар», ниёз ба таҳияи механизмҳои наву муассири таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноатро тақозо менамояд. Муаллиф бо нигариши таҳлилӣ таъкид мекунад, ки дар давраи муосир таъмини суботи иқтисодӣ ва рушди устувори бахши саноат танҳо дар асоси сиёсати самараноки давлатӣ, дастгирии молиявӣ ва рушди иқтидорҳои инноватсионӣ имконпазир аст (саҳ.121-123).

Самтҳои афзалиятноки такмили сиёсати давлатии саноатӣ дар ин боб муфассал асоснок шудаанд. Пеш аз ҳама, зарурати баланд бардоштани нақши сармоягузорӣ ва фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омилҳои калидии таъмини устуворӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркард таъкид мегардад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки бе ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва таҷдиди пойгоҳи моддию техникии истеҳсолот ноил шудан ба амнияти иқтисодӣ номумкин аст. Дар ин замина, пешниҳод мегардад, ки сиёсати давлатии саноатӣ бояд ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорон, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва рушди захираҳои инсонӣ равона карда шавад (саҳ.130-133).

Дар қисмати дигари тадқиқ, муаллиф зарурати таҳкими нақши самти сармоягузорию инноватсионии рушдро ҳамчун шарти асосии баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ дар шароити чолишҳои дохилӣ ва беруна таъкид менамояд. Дар ин замина, як қатор самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодӣ ва институтсионалии таъмини амнияти иқтисодӣ пешниҳод шудаанд. Аз

ҷумла, муаллиф ба зарурати густариши воситаҳои танзими давлатӣ, ташаккули сиёсати ҳавасмандгардонии истеҳсолот, такмили механизмҳои андозбандӣ ва қарздиҳӣ, инчунин баланд бардоштани нақши муассисаҳои таълимӣ ва тадқиқотӣ дар рушди иқтидорҳои илмию техникӣ ишора мекунад (саҳ.144-147).

Ба андешаи муаллиф, ташаккули механизми муассири ҳамкории байни сохторҳои давлатӣ ва субъектҳои истеҳсолоти саноатӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Танҳо тавассути ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва фаъолиятҳои ин субъектҳо метавон низоми ягонаи таъмини амнияти иқтисодиро ба вуҷуд овард, ки барои рушди устувор ва рақобатпазирии соҳаи саноат заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Дар тадқиқ нишон дода шудааст, ки ҳамаи ин чораҳо ба ташаккули низоми мукаммал ва мутобиқшавандаи таъмини амнияти иқтисодӣ равона гардида, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва мутобиқ намудани онҳо ба дигаргунсозиҳои муҳити иқтисодии дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки дар шароити рушди индустриалӣ ва рақамикунонии иқтисод, амнияти иқтисодӣ бояд ҳамчун унсури ҷудонопазири сиёсати миллӣ баррасӣ гардад (саҳ.156-159).

Дар қисми ҷамъбастии боб сиёсати саноатӣ ҳамчун омили асосии рушди устувори корхонаҳои саноатӣ тавсиф шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати саноатӣ на танҳо рушди истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати маҳсулотро таъмин мекунад, балки ба мустаҳкам гардидани суботи иқтисодӣ, густариши ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши иқтидори содиротии кишвар низ мусоидат менамояд. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки самаранокии сиёсати саноатиро метавон аз рӯи дараҷаи ноилшавӣ ба ҳадафҳои он, яъне таъмини устувории иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди истеҳсолоти дохилӣ, арзёбӣ кард.

Дар тадқиқ низоми татбиқи сиёсати саноатӣ ба таври сесатҳа муайян карда шудааст. Сатҳи аввал сиёсати умумимиллии давлатӣ мебошад, ки самтҳои стратегии рушди саноатро муайян мекунад. Сатҳи дуюм сиёсати минтақавӣ буда, он ба тақвияти иқтидорҳои саноатии минтақаҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ равона мешавад. Сатҳи сеюм бошад, сиёсати дохилисоҳавӣ ва дохиликорхонагӣ мебошад, ки татбиқи бевоситаи чораҳои амалӣ ва идоракунии устувории иқтисодии корхонаро дар бар мегирад (саҳ.160-161).

Дар маҷмӯъ, боби сеюм дорои муҳтавои баланди назариявӣ ва амалӣ буда, пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили муфассал асоснок

гардидаанд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда барои таҳияи сиёсати муассири давлатӣ дар соҳаи саноат, таҳкими амнияти иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар аҳаммияти назаррас доранд.

Дар хулосаи умумии диссертатсия, муаллиф натиҷаҳои асосии илмии тадқиқи худро ҷамъбаст намуда, муҳимтарин хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалиеро, ки дар асоси таҳлилҳо ва тадқиқоти гузаронидашуда ба даст овардаанд, манзур намудааст.

**6. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва муҳтавои онҳо пурра аз натиҷаҳои тадқиқ, таҳлил ва арзёбии масъалаҳои дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Муаллиф дар раванди тадқиқ бо такя ба сарчашмаҳои муътамади назариявӣ ва амалии илми иқтисод, ҳамчунин бо истифода аз маълумоти оморӣ ва таҷрибаи амалии соҳаи саноат тавонистааст хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илмиро пешниҳод намояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот аз истифодаи дурусти консепсияҳои илмии идоракунии иқтисодӣ ва амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, низоми арзёбии таҳдидҳо ва омилҳои хавф, ҳамчунин такя ба сарчашмаҳои оморӣ ва маълумоти амалии марбут ба вазъи соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Муаллиф дар ҷараёни тадқиқ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои арзёбӣ ва идоракунии амнияти иқтисодиро дар соҳаи саноат таҳлил ва баҳодиҳӣ намудааст. Маълумотҳои истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои расмӣ ва сарчашмаҳои оморӣ тасдиқ гардидаанд, ки ин имконият додааст, то хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда дорои асоси воқеӣ бошанд.

Натиҷаҳои тадқиқ нишон медиҳанд, ки амнияти иқтисодии соҳаи саноат ҷузъи муҳими амнияти иқтисодии миллӣ буда, дар шароити рушди босуръати саноат ва ҷаҳонишавии иқтисод талаб мекунад, ки механизмҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва ташкилии таъмини он такмил дода шаванд. Муаллиф собит намудааст, ки самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ аз дараҷаи амнияти иқтисодии онҳо вобастагӣ дорад, зеро маҳз тавассути таъмини суботи молиявӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ метавон устувории иқтисодиро таъмин намуд.

Тавсияҳои муаллиф дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд ва метавонанд дар таҳияи стратегияҳои давлатӣ оид ба таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат, саноатикунонии босуръати

иқтисоди миллӣ, ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва таҳкими иқтидори рақобатии истеҳсолот истифода шаванд.

**7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**

Дар натиҷаи таҳлил ва баррасии маводи диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил ба чунин натиҷа расидем, ки тадқиқоти илмии анҷомдодаи ӯ дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошад. Хулосаҳо ва пешниҳодоти илмии муаллиф бо далелҳои боэътимод асоснок гардида, ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии такмили механизми ташкилӣ ва иқтисодии таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуда метавонанд.

Диссертатсия аз лиҳози мазмун, сохтор ва асоснокии илмӣ ҷавобгӯи талаботи тадқиқоти муосири илмӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши назариявию методологӣ буда, метавонанд дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва амалии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва идоракунии давлатӣ татбиқ шаванд.

Муқаррароти асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯзаҳо ва гузоришҳои илмӣ дар конфронсҳо, симпозиумҳо ва семинарҳои илмию амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд.

Баъзе аз муқаррароти муҳими тадқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд. Хусусан, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада барои такмили мазмуну муҳтавои фанҳои “Иқтисод ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ”, “Амнияти иқтисодӣ”, “Иқтисоди корхона”, “Иқтисоди соҳибкорӣ”, “Банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхонаҳо” ва дигар фанҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Истифодаи муқаррароти мазкур дар раванди таълим имкон медиҳад, ки донишҷӯён ва мутахассисон бо масъалаҳои назариявию амалӣ ва механизмҳои муосири таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат шинос шаванд, дониши назариявии худро такмил диҳанд ва малакаи таҳлили иқтисодиро дар заминаи воқеиятҳои миллии иқтисоди Тоҷикистон рушд диҳанд.

Инчунин, хулосаҳо ва муқаррароти илмии дар диссертатсия асоснокгардида метавонанд ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои давлатии рушди саноат, таҳкими амнияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи

саноат ба таври васеъ истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои таҳияи роҳҳои амалии такмили сиёсати давлатии саноатӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ ва татбиқи технологияҳои муосир хизмат намоянд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия дорои аҳаммияти амалӣ мебошанд ва метавонанд дар фаъолияти вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат, инчунин дар корхонаҳои истеҳсолии соҳаи саноат татбиқ карда шаванд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои илмии диссертатсия на танҳо дорои аҳаммияти назариявию методологӣ мебошанд, балки метавонанд ҳамчун маводи иловагӣ дар низоми таълим, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаи иқтисоди саноат ва амнияти иқтисодӣ истифода шаванд.

**8. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Тадқиқоти диссертатсионии докторант (PhD) Ғафурзода Сорбон Хушдил дорои арзиши воқеии илмӣ ва амалӣ мебошад. Дар баробари натиҷаҳои муҳим ва хулосаҳои илмии асоснок, як қатор нуктаҳои такмилталаб ва андешаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд, ки ҳангоми таҳияи минбаъдаи мавод бояд ба онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

1. Дар зербобҳои 1.1 ва 1.2 муаллиф назари олимони ватанӣ ва хориҷиро дар бораи сохтори амнияти иқтисодӣ хеле васеъ шарҳ додааст. Аммо муносибати шахсии муаллиф нисбат ба ин назариёт, таҳлили муқоисавӣ ва мавқеи интиқодӣ ё асосноккунандаи ӯ нисбат ба онҳо пурра инъикос наёфтааст. Ин ҳолат зарурати таҳкими мавқеи илмии муаллифро дар масъалаи сохтори таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат бештар мегардонад.

2. Натиҷаҳои тадқиқ боз ҳам муфассалтар мегаштанд, агар дар диссертатсия робитаи сиёсати давлатии саноатӣ бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо ҳам дақиқтар нишон дода мешуд. Ҳамчунин зарур буд, ки равандҳои рушди инфрасохтори саноатӣ ва иқтидорҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар бо асоснокии иқтисодӣ тавзеҳ меёфтанд.

3. Масъалаҳои марбут ба такмили механизми ташкилӣ ва иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар диссертатсия хуб таҳлил ва асоснок карда шудаанд. Дар доираи тадқиқот модели

намунавии механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ низ пешниҳод гардидааст, ки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, барои пуррагардонии паҳлуҳои амалии он зарур аст, ки татбиқи модели мазкур дар шароити воқеии фаъолияти корхонаҳои саноатии кишвар бо мисолҳои мушаххас бештар нишон дода шавад. Ин тавсия ба хотири тақвияти қисми амалии тадқиқ иброз мегардад ва ба арзиши умумии илмии кори муаллиф таъсири ҷиддӣ намерасонад.

4. Дар охири бобҳои диссертатсия муаллиф хулосаҳои худро пешниҳод кардааст, вале дар баъзе зербобҳо онҳо ниёз ба возеҳсозии мантиқ ва асоснокӣ доранд. Хулосаҳои байни бобҳо бояд пурра бо мундариҷаи боб мутобиқат дошта бошанд ва бо далелҳои таҳлилӣ пуштибонӣ ёбанд.

5. Дар зербоби 3.3 масъалаи дастгирии давлатии соҳаи саноат ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии макроиқтисодии соҳа дар сатҳи хуб баррасӣ шудааст. Аммо муаллиф метавонист пешниҳодҳои мушаххас оид ба механизмҳои нави дастгирии давлатии соҳаи саноати коркард, махсусан дар самти сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти инноватсионӣ ва рушди кадрҳои тахассусиро пешниҳод намояд.

Ба ҳар ҳол, камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ доранд ва ба арзиши илмии тадқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**9. Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ**

Таҳлил ва баррасии диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушил дар мавзӯи «Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 –Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, нишон медиҳад, ки тадқиқоти илмии анҷомдода дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада ба ҳалли масъалаҳои муҳимми такмили механизми ташкилӣ ва иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат мусоидат намуда, ба тавсеаи доираи донишҳои илмӣ дар ин самт саҳми арзанда мегузоранд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда бо масъалагузории дуруст, мубрамии мавзӯъ, дараҷаи баланди асоснокии илмӣ ва навоварии мазмунӣ фарқ мекунад. Дар таҳдқиқот масъалаҳои калидии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, арзёбии таҳдидҳо, таҳкими сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат, ҳамчунин ташаккули низоми муассири

идоракунии иқтисодӣ ба таври илмӣ таҳлил шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҷиддӣ буда, метавонанд дар сиёсати давлатӣ, фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ татбиқ шаванд.

Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқӣ ва мазмуни пурра дорад, тадқиқот бо далелҳои оморӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва асоснокии назариявӣ тавъам гардидааст. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф ба рушди минбаъдаи асосҳои назариявию амалии механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат мусоидат мекунанд.

Диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 –Амнияти иқтисодӣ) аз рӯйи мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 (№267 аз 30.06.2021) тасдиқ шудааст.

Бинобар ин, арзанда шуморида мешавад, ки ба муаллифи он Ғафурзода Сорбон Хушдил дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 – Амнияти иқтисодӣ) дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани**
**факултети иқтисодиёти соҳаҳо ва идораи**
**ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ** **Ашурзода А. Н.**

**«14» __11_____ соли 2025**

**Имзои Ашурзода А. Н. -ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДТТ** **Қодирзода Н. Ҳ.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10, Телефон: +992(37) 221-35-11 , E-mail: info@ttu.tj, Сомонаи расмӣ: www.ttu.tj

**«14» __11_____ соли 2025**